# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. – Душанбе, 2026. – 244 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ба муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022, №95/шд ва 25.10.2024, №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия» бори аввал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар баробари объекти ҷиноят, тарафи объективии ҷиноят ва тарафи субъективии ҷиноят – субъекти ҷиноят ҳамчун унсури таркиби ҷиноят, асос барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс эътироф мешавад. Эътироф гардидааст, ки дар сурати ҷой надоштани яке аз аломатҳои субъекти ҷиноят, таркиби ҷиноят ҷой дошта наметавонад, зеро объекти ҷиноят аз тарафи субъекти ҷиноят зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани ин зарарро ба миён меорад, тарафи объективии ҷиноят – кирдор (ҳаракат ва беҳаракатӣ) ва тарафи субъективии ҷиноят – муносибати руҳии субъекти ҷиноятро тавсиф мекунанд. Новобаста аз он, ки дар моддаи 22 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аломатҳои субъекти ҷиноят ҳамчун шахси воқеӣ будан, мукаллаф будан ва ба синни муқаррарнамудаи

қонунгузории ҷиноятӣ расидан ифода гардида бошанд ҳам, аммо аз таҳқиқоти диссертатсионии баанҷомрасонидаи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ маълум мегардад, ки ҳар як аломати субъекти ҷиноят бояд аз нигогоҳи тахқиқи илмӣ мавриди такмил қарор гирифта, хулоса ва пешниҳодоти мушаххаси бо таҳқиқи илмӣ асосёфта манзур карда шаванд. Аз ин рӯ, барои таъмин намудани арзёбии ҳамаҷониба, комил ва объективонаи мафҳум ва аломтҳои «субъекти ҷиноят», зарур аст, ки ҳам пояҳои назариявии хуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам талаботу муқаррароти қонунгузории амалкунанда дар сатҳи кофӣ ва мутаносиб дониста шаванд.

Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аломати асосии субъекти ҷиноят «шахси воқеӣ» муқаррар гардидааст, ки бе он субъекти ҷиноятро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар қонунгузории маданӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди давлати хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд шахси воқеӣ эътироф мешавад ва муҳаққиқи диссертатсия асоснок зикр намудааст, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси воқеӣ шарҳ дода нашудааст. Муҳаққиқ асоснок намудааст, ки дар доираи қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам намудани мафҳуми шахси воқеӣ муҳим аст, зеро муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ доир ба шахси воқеӣ хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад.

Аломати навбатии субъекти ҷиноят расидан ба синни муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ маҳсуб меёбад. Маҳз нишондиҳандаи син яке аз маҳакҳои асосии муайянкунандаи ҷавобгарии ҷиноятии шахс аст. Бояд қайд кард, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ то ҳол мафҳуми доктриналии «синни субъекти ҷиноят» ба таври комил таҳия ва муқаррар нагардидааст. Ҳамзамон, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди ақали синни ҷавобгарии ҷиноятиро мушаххас намуда бошад ҳам, ҳадди ниҳоии (аксари) онро мустақиман ифода накардааст. Ин нишондиҳанда дар таҳқикоти баанҷомрасонида дар заминаи хусусиятҳои синнии субъекти махсуси ҷиноят

муайян карда шудааст. Сарфи назар аз он ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ категорияи «субъекти махсус» эътироф шудааст, хусусиятҳои синнии он мавриди таҳқиқи амиқи илмӣ қарор дода нашудааст.

Мукаллафӣ дар баробари шахси воқеӣ ва ба синни муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ расидан, аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят эътироф гардида, бе онҳо, умуман, ҳамчун мафҳумҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ҷой доштани субъекти ҷиноят ғайриимкон аст. Дар таҳқиқоти мазкур муайян карда шудааст, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми «мукаллафӣ» муқаррар нагардида, бархе аз олимон моҳияти онро аз мафҳуми «номукаллафӣ» баҳо медиҳанд. Муҳаққиқ асоснок намудааст, ки мукаллафӣ ифодаи худро аз номукаллафӣ гирифта наметавонад.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти мубрамияти зикргардида, аз тарафи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия» ба анҷом расонида шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар хулосаву тавсияҳои илмии муаллиф таҷассум ёфта, ба такмили низоми ҳуқуқии институти субъекти ҷиноят равона гардидааст. Таҳқиқоти мазкур бори нахуст дар сатҳи диссертатсионӣ дар мавзуи субъекти ҷиноят ба ҳисоб рафта, назарияҳои навро оид ба мафҳумҳои «субъекти ҷиноят», «мукаллафӣ», «синни субъекти ҷиноят», «номукаллафӣ», «мукаллафии маҳдуд» ва «хусусиятҳои синни субъекти махсуси ҷиноят» дар бар гирифтааст. Дар асоси таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ ва доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, зарурати мушаххас намудани мафҳумҳои калидӣ, аз қабили «субъекти ҷиноят», «шахси воқеӣ», «мукаллафият» ва «синну соли субъекти ҷиноят» асоснок карда шудааст. Муҳаққиқ исбот намудааст, ки ин мафҳумҳо ва хусусиятҳои «ҳадди аксари синну соли субъекти махсус», сарфи назар аз аҳмияти бунёдӣ, то ҳол дар сатҳи

қонунгузорӣ ва илми ҳуқуқи ҷиноятии кишвар таърифи дақиқи худро наёфтаанд.

Арзиши хоси илмии кор дар он аст, ки дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ бори аввал зарурати ворид намудани моддаҳои мустақил ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муқаррар намудани мафҳумҳои «субъекти ҷиноят», «шахси воқеӣ» ва «мукаллафӣ» ба таври муфассал асоснок карда шудааст.

Муҳаққиқ бо такя ба таҳлили таърихию ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар раванди таҳаввули қонунгузории ҷиноятии миллӣ, аломатҳои субъекти ҷиноят марҳилаҳои мухталифи ташаккул ва такмилро паси сар намудаанд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти мазкур ҳамчун саҳми мустақилона ва арзишманди доктриналӣ дар рушди илми ҳуқуқи ҷиноятии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Муқарраротӣ ба ҳимоя пешниҳодшуда маҷмӯи ғояҳои нави илмиро ташкил дода, дар маҷмӯъ, консепсияи мукаммали назариявиро оид ба институти субъекти ҷиноят ва дурнамои такмили он таҷассум менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масъалаҳои назария, қонунгузорӣ ва амалия» бо дараҷаи баланди асоснокии илмӣ ва боэътимодии методологӣ тавсиф меёбанд.

Хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои амалии муаллиф дар заминаи таҳлили мукаммали доктриналӣ, истифодаи усулҳои муосири илмӣ, инчунин баррасии низоми қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ таҳия гардидаанд. Муаллиф бо такя ба принсипҳои илмияти таҳқиқот, пайдарҳамии мантиқӣ ва санҷишпазирии натиҷаҳо, ба ташаккули хулосаҳои асоснок ноил гардидааст.

Пойгоҳи эмпирикии таҳқиқот аз омӯзиши муқоисавию ҳуқуқии 190 парвандаи ҷиноятӣ ва таҳлили 20 таърихи бемории шахсони дар муассисаи

ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои равонӣ қарордошта, инчунин, пурсишнома дар доираи мавзуи таҳқиқот миёни 200 нафар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва соҳа тиббии риштаи дахлдор иборат мебошад. Ин маҷмӯи маълумоти таҷрибавӣ имконият фароҳам овардааст, ки натиҷаҳои таҳқиқот дорои дараҷаи баланди эътимоднокии илмӣ ва аҳамияти амалии татбиқшаванда бошанд.

Ҳамин тариқ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва боэътимод буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Онҳо метавонанд ҳамчун заминаи боэътимод барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ истифода шаванд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии таълифнамудаи муҳаққиқ Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масъалаҳои назария, қонунгузорӣ ва амалия» аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳафт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва 5 эзоҳ иборат буда, дар умум 244 саҳифаро фарогир мебошад. Дар боб ва зербобҳои диссертатсия пайдарҳамии мантиқии мазмуни таҳқиқот бо усули эҷодӣ риоя гардида, дар умум, онҳо тамоми паҳлӯҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии субъекти ҷиноятро фаро мегиранд.

**Боби аввали** диссертатсия «Муқаррароти умумӣ оид ба субъекти ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ифода гардида, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербобҳои мазкур масоили таърихи рушди меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба субъекти ҷиноят дар Тоҷикистон ва мафҳуми «субъекти ҷиноят» дар қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар раванди таҳқиқи зербоби якуми боби аввал, муҳаққиқ ба хулоса омадааст, ки тибқи он рушди қонунгузории ҷиноятӣ оид ба аломатҳои субъекти ҷиноят, давраҳои: 1) солҳои 1917–1922; 2) солҳои 1922-1926; 3)

солҳои 1926-1935; 4) солҳои 1935-1961; 5) солҳои 1961-1998; 6) аз соли 1998 то кунунро дарбар мегирад.

Дар зербоби дуюми таҳқиқот мафҳуми «субъекти ҷиноят» мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар асоси таҳлили қонунгузории ҷиноятӣ, назари олимон ва доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба шахси воқеӣ ҳамчун аломати муҳими субъекти ҷиноят, шахси њуқуқӣ ва зеҳни сунъӣ, пешниҳодоти мушаххас ироа гардидаанд.

**Боби дуюми** диссертатсия бо номи «Мушаххаснамоии мафҳуми «мукаллафӣ», «мукаллафии маҳдуд» ва «номукаллафӣ» дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» се зербобро доро мебошад. Дар зербобҳои мазкур мафҳумҳои «мукаллафӣ», «мукаллафии маҳдуд» ва «номукаллафӣ» бо дарназардошти маҳакҳои тиббиву ҳуқуқӣ мушаххас гардиданд.

Зербоби аввали боби дуюм «Мушаххаснамоии мафҳуми «мукаллафӣ», «мукаллафии маҳдуд» ва «номукаллафӣ» дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст. Дар он моҳияти ҳуқуқии мукаллафии шахс ҳамчун аломати ҳатмии субъекти ҷиноят тавассути таҳлили муқоисавии меъёрҳои тиббӣ ва ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ ва мушаххасгардонӣ қарор гирифтааст. Дар хулосаи зербоби мазкур, муҳаққиқ мафҳуми мукаллафиро таълиф намудааст.

Зербоби дуюми боби дуюм «Мушаххас намудани мафҳуми «мукаллафии маҳдуд»: мавқеъ, аҳаммияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ» номгузорӣ шуда, дар қисмати мазкур бори аввал ҷойгоҳи консептуалӣ ва аҳаммияти амалии мукаллафии маҳдуд дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Зикр гардидааст, ки дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудани мукаллафии маҳдуд барои татбиқи принсипи гунаҳгоркунии субъективӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки ҷавобгарии ҷиноятии шахсони гирифтори парешонҳолии руҳӣ дуруст ба роҳ монда шавад.

Зербоби сеюми боби дуюм «Мушаххас намудани мафҳуми «номукаллафӣ»: мафҳум ва маҳаки он» унвон дошта, дар он мафҳуми

номукаллафӣ бо дарназардошти маҳакҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ мушаххас гардидаанд. Муҳаққиқ дар хулосаи ин зербоб хулосаҳои худро асоснок пешниҳод намудааст, ки мафҳуми номукаллафӣ дар моддаи 24 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардад.

**Боби сеюми** диссертатсия «Мушаххаснамоии син ҳамчун аломати субъекти ҷиноят» номгузорӣ гардида, он аз ду зербоб иборат мебошад. Дар доираи боби мазкур таҳқиқи пурраи синни субъекти ҷиноят ва ҳадди синни субъекти махсуси ҷиноят мушаххас гардидаанд.

Зербоби якуми боби сеюм ба «Тасниф ва тафриқаи синни субъекти ҷиноят» бахшида шудааст. Дар ин зербоб ҳадди ақали синни субъекти ҷиноят, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ оғоз мегардад, мавриди таҳқиқ қарор гирифта, 22 таркиби ҷиноятe, ки дар қисми 2 моддаи 23 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, вобаста ба маҳаки дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии таркиби ҷиноят (таркибҳои оддӣ, вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда) тасниф карда шудаанд.

Зербоби дуюми боби сеюм «Мушаххас намудани хусусиятҳои синнии субъекти махсуси ҷиноят тибқи қонунгузории амалкунанда» номгузорӣ шуда, масоили мафҳуми субъекти махсус ва хусусиятҳои синнии он бо дарназардошти ҳадди ақал ва аксари синни ҷавобгарии ҷиноятӣ мушаххас гардидааст. Гарчанде, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон синни ҳадди аксари ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар нагардида бошад ҳам, дар зербоби мазкур бо дарназардошти таҳлили меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ синни ҳадди аксари субъектҳои махсуси баъзе таркибҳои ҷиноят муайян карда шудааст.

Дар хулосаи таҳқиқоти гузаронидашудаи диссертатсионӣ, муаллиф Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ асоснок намудааст, ки мафҳуми «хусусиятҳои синнусолии субъекти махсуси ҷиноят» дар сатҳи илмӣ ҳамчун мавзуи дар таҳқиқот баррасишаванда ворид карда шавад. Зикр намудааст, ки субъектҳои махсуси ҷиноят вобаста ба хусусиятҳои синнии онҳо шартан ба се гурӯҳ

тақсим карда мешаванд: 1) Таркиби ҷинояте, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси ҷиноят дар м. 23 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст; 2) Таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси онҳо дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон дода шудаанд ё бо дарназардошти таҳлили худи ҳамон ҷиноятҳо муқаррар муайян гардидаанд; 3) Таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси онҳо дар қонунгузорӣ муқаррар нагардидаанд. Ҳангоми муайян намудани синни ҳадди ақали субъектҳои махсуси ҷиноятҳо, ки ба гурӯҳи дуюм ва сеюм мансубанд, аз ҷумла зарур аст меъёреро, ки дар м. 23 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ба назар гирифт ва бояд ин син дар доираи он муқаррар карда шавад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳамияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад омӯзиши фарогири табиати ҳуқуқии субъекти ҷиноят ва аломатҳои махсуси он ба таҳияи заминаҳои нави методологӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат намуда, роҳҳои ҳалли масъалаҳои мубрами доктриналиро муайян месозад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқ барои мукаммалсозии меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дуруст татбиқ намудани қонун дар фаъолияти судӣ ва тафтишотӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода мешаванд.

Аҳамияти иҷтимойии таҳқиқоти баанҷомрасида дар он таҷассум меёбад, ки муайян ва татбиқи дурусти институти субъекти ҷиноят ба таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мусоидат мекунад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқ, хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 10 мақолаи илмии муаллиф мавриди инъикоси ҳаматарафа қарор гирифтаанд. Қисмате аз натиҷаҳои таҳқиқот дар 5 мақола, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, ба табъ расидаанд.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Сарфи назар аз эътирофи сатҳи баланди таҳқиқоти суратгирифта ва арзиши қобили мулоҳизаи назариявию амалии натиҷаҳои он, дар рисолаи мазкур бархе аз масъалаҳои дорои хусусияти мубоҳисавӣ ба назар мерасанд. Нуктаҳои мазкурро метавон ба таври зайл гурӯҳбандӣ ва пешниҳод намуд:

1. Муаллиф зеҳни сунъиро танҳо ҳамчун «воситаи содир намудани ҷиноят» эътироф мекунад (саҳифаи 60). Аммо, дар замони муосир масъалаи алгоритмҳои худмухтор (автономӣ), ки метавонанд берун аз иродаи эҷодкори худ амал кунанд, мавриди баҳс аст. Дар диссертатсия масъалаи ҷавобгарии шахс дар ҳолате, ки зеҳни сунъӣ «худтаълимгир» аз назорати инсон берун мешавад, ба таври кофӣ равшан нашудааст, ки ин ҷанбаи назариявии корро ниёзманди баҳси иловагӣ мегардонад.

2. Дар пешниҳоди 4 дар зербоби дуюми боби аввали диссертатсия зикр гардидааст, ки «Мукаллафӣ аз рӯйи маҳакҳои тиббиву ҳуқуқӣ, ки марҳилаҳои мушкили тафтишотиро аз амалия тақозо мекунад, муқаррар карда мешавад, ки дар сурати эътирофи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят, ҳамаи ин моҳияти худро гум мекунанд. Яъне, дар баробари шахси ҳуқуқӣ мебояд минбаъд шахси номукаллаф низ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад ва зарурати муқаррар кардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ мазмуни мантиқии худро аз байн мебарад». Аммо, дар матни диссертатсия вобаста ба шахси ҳуқуқӣ дар доираи аломатҳои субъекти ҷиноят чун таҳлили зеҳни сунъӣ, шарҳи васеъ дода нашудааст. Бинобар ин, ҳангоми ҷавоб ба ин масъала, диссертатнт ба он равшанӣ андозад.

3. Муаллиф синни ҳадди аксарро барои судяҳо, прокурорҳо ва кормандони ҳифзи ҳуқуқ (63, 65, 66-солагӣ) нишон додааст (дар зербанди 2 боби 3). Аммо, ҷой доштани ҳолатҳое аз имкон дур нест, ки шахс пас аз

расидан ба ин синну сол бо фармони махсус дар вазифа мемонад. Дар диссертатсия ин масъала баҳс нашудааст, ки оё чунин шахс пас аз гузаштани «синни ҳадди аксари қонунӣ» субъекти ҷиноят боқӣ мемонад ё на.

Эродҳои зикршуда ва мулоҳизаҳои иброзгардида ба арзиши илмию назариявӣ ва аҳаммияти амалии рисола халали ҷиддӣ ворид намекунанд. Нуктаҳои мазкур ба сатҳи умумии таҳқиқоти суратгирифта, асоснокии илмии натиҷаҳо ва хулосаҳои ниҳоии муаллиф таъсири манфӣ нарасонида, аз сифати баланди кори илмӣ шаҳодат медиҳанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Барасмиятдарории диссертатсия бо риояи меъёрҳои услубӣ, қоидаҳои грамматикӣ ва академӣ иҷро гардида, талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ пурра таъмин шудааст.

Мазмуну муҳтавои автореферат ҷанбаҳои калидии диссертатсияро пурра бозгӯӣ намуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз

рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муаллими калони кафедари ҳуқуқи
факултети ҳуқуқ ва гумруки
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Шерализод С.М.

**Суроға муқарриз:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш.
Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Тел: (+992 237) 234-88-02.
Сомона: www.iutet.tj
Почтаи электронӣ: dsx_ips@mail.ru
Тел.: 901041904

**Имзои Шерализод С.М.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.
«23» 04 соли 2026.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш.
Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Тел: (+992 237) 234-88-02.
Сайт: www.iutet.tj
Почтаи электронӣ: dsx_ips@mail.ru